«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Раиси Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав"
доктори илмҳои биологӣ, профессор
Шарифзода С.Х.
«___» феврали соли 2023

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба диссертатсияи номзадии Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзӯи "Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина")" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи номзадии Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мавзуи вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина») бахшида мешавад. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо собиқадорони телевизион суҳбатҳои ихтисосӣ доир намуда, аз соли хатм то имрӯз дар телевизион фаъолияти амалӣ дорад ва масъаларо ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Илова бар ин, муаллифи диссертатсия дар мақола ва конференсияҳои байналмилалию илмию амалии ҷумҳуриявӣ пешниҳодҳои худро ҷиҳати омӯзиш ва тақвият бахшидани ин самти то имрӯз пажӯҳишнашуда дар илми журналистикаи ватании телевизион ироа намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назарияви марбут ба мавзуи баррасишаванда муваффақ шуда, андешаҳои илмиро коркард намудааст ва онҳо барои рушди илми журналистикаи телевизиони ватанӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

Муаллиф бо мисолҳои мушаххас собит намудааст, ки дар телевизион робитаи мустақими муаллиф бо объект (қаҳрамонон) талаботи асосӣ дониста мешавад. Аломатҳои телевизион ҷустуҷуйи роҳу воситаҳои таваҷҷуҳи фаъолона ба сарнавишти инсон, таҳқиқи хислат ҳамчун факт ва воқеа ба мушоҳида мерасанд.

Аз таҳқиқи диссертант бармеояд, ки мафҳуми муҳаррир аз замони таъсиси телевизион дар Тоҷикистон (соли 1959) пайдо шудааст, аммо моҳиятан таҳаввул ёфт. Акнун муҳаррир журналист, муаллиф, баранда ва таҳиягар аст. Бо чунин шева фаъолият намудан ва ранг гирифтани кор хушоянд набуда, бо назарияи журналистика мутобиқат намекунад, вале таҳқиқ нишон медиҳад, ки муҳаррир қодир аст ба ҳайси баранда ва роҳбари гурӯҳи эҷодӣ баромад намояд

Дар телевизион ҳаводисе ба вуқуъ мепайвандад, ки интихобан рӯйи навор бардошта мешавад, яъне он на намои воқеии назди камера, балки саҳна ва сужаҳои бошуурона инъикосёфта ё навори пайванддида аст ва табиист, ки аз завқи шахси эҷодкор тавлид гаштааст.

Телевизион на танҳо дар равиши инъикоси афкори иттилоотӣ таҳавуллоти бузург ба амал овард, балки ҳамчунон шакл ва натиҷаи таъсирро ба афкори иҷтимоӣ хеле баланд бардошт. Дар ин замина нақш ва саҳми муҳаррир қобили зикр мебошад.

Талаботи сохторӣ ба касби муҳаррир дар телевизион ва ҷараёни муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ, кӯшиш дар самти шаклгирии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти муҳаррири телевизион ва дар маҷмуъ, мушаххас намудани хусусиятҳои баъзе паҳлуҳои норавшани касби муҳаррири телевизион дар шароити Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар асоси ҳалли масъалаҳои дар таҳқиқ матраҳшуда як қатор хулосаҳое баровардан мумкин аст, ки қобили қабул будани муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшударо тасдиқ мекунанд.

Исбот шудааст, ки яке аз меъёрҳои асосии сифатҳои касбии муҳаррири телевизион мусаллаҳ будани ӯ бо донишҳои наву замонавӣ мебошад. Хусусан, дар замони имрӯза ҳар муҳаррире, ки дар телевизион фаъолият мекунад, бояд на танҳо дорои дониши замонавӣ, балки соҳавӣ низ бошад.

Огоҳ будан ва истифода намудани техникаи муосир низ бурди муҳаррир аст. Ба таъкиди муаллиф, махсусияти муҳаррир дар телевизионҳои Тоҷикистон ба самти фаъолияти телевизион вобаста мебошад. Муҳаррирони шабакаҳои давлатии телевизионӣ дар доираи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат мунтазам барномаҳо омода мекунанд.

Таҳқиқи диссертант Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллодоза нишон медиҳад, ки набудани муҳаррир дар рафти барномасозӣ мунтазам дар телевизион эҳсос мегардад. Таъсиррасонии муҳаррир метавонад давраи сабтро тамоман дигар кунад. Ин ҷараён аз муҳаррир касбиятро такозо мекунад. Агар то солҳои 2000-ум танзиму таҳияи барнома масъулияти танзимгару коргардон буд, имрӯз муҳаррир бо диду ҷаҳонбинии муосир дар ин ҷараён фаъолона иштирок карда, саҳм мегузорад.

Дигаргуниҳои техникиву технологӣ дар кори телевизион имкон ва шароит фароҳам овард, ки рисолати муҳаррир ва масъулияти ӯ такмил ёбад, доманаи вазифаҳояш васеъ гардад.

Ба хулосаи муаллиф, таҳқиқи мафҳуми «муҳаррири телевизион» нишон дод, ки вазифаҳои муҳаррири телевизион танҳо бо маҷмуи барномаҳои махсус маҳдуд нестанд. Малака ва масъулияти муҳаррир маҷмуи мураккаби хусусиятҳои рушдёбандаро ташкил медиҳанд. Таърихи касб ва амалияи имрӯзаи он хусусияти рушдёбандаи маҷмуи вазифаҳои таҳририяро исбот мекунад. Омӯзиши амиқи хусусиятҳои кори муҳаррир оид ба сенарияҳои телевизионӣ нишон медиҳад, ки иштироки ӯ дар таҳия ва татбиқи сенарияҳои барномаҳои телевизионӣ яке аз роҳҳои умдаи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мебошад.

Муайян намудани шартҳои зарурии инкишофи вазифаҳои муҳаррир ва такмили минбаъдаи он имкон медиҳад ба хулосае оем, ки муҳаррири телевизион касби рушдёбанда буда, талабот дорад ва имкони такмили минбаъда бояд ба назар гирифта шавад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал фаъолияти муҳаррир дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина» дар заминаи талаботи муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ баррасӣ гардида, маҷмуи проблемаҳо ва вазифаҳои фаъолияти муҳаррир таҳлил шудааст. Нахустин маротиба фаъолияти эҷодии муҳаррир дар баробари фаъолияти техникии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои ҷомеаи журналистӣ муҳим будани он арзёбӣ мегардад.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ донишҳои назариявиро доир ба муҳаррир ва вазифаҳои ӯ афзуда, ба корҳои илмию таҳқиқии марбут ба фаъолияти муҳаррири телевизион вусъат мебахшад.

Боз аз он ҷиҳат асоснок карда мешавад, ки дар он муносибати нав ба объекти таҳқиқ сурат гирифта, тавассути сохтани низоми вазифаҳои хос кори муҳаррир маънидод мегардад. Ба ибораи дигар, вазифаҳои муҳаррир, ки фаъолияти ӯро дар давраи омодагӣ, наворбардорӣ, таҳрир ва таҳияи барномаҳои телевизионӣ дар жанрҳои гуногун тавсиф мекунанд, ба худ хусусияти универсалӣ пайдо менамояд.

Диссертатсия дар шинохти «муҳаррири телевизион» дар шароити Тоҷикистон сарчашмаи нави илмӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф шаклҳои

нави фаъолияти муҳаррирро бозгӯ намуда, ӯро дар рафти барномасозӣ шахси аввал донистааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили фаъолияти муҳаррир дар телевизион, шинохти уҳдадориҳои ӯ, татбиқи ҳадафҳои иттилоотонӣ, ташкили курсу семинарҳо дар факултаю шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ мусоидат мекунад (сах. 11). Ҳамзамон ҷомеаи журналистӣ ва шабакаҳои телевизионӣ метавонанд, дар татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва стратегияҳои идории худ аз натиҷаҳои диссертатсия истифода намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ боз дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми журналистикаи телевизион ҷанбаҳои амалӣ, талаботи расмӣ ва ғайрирасмӣ нисбат ба мутахассисони соҳа ҷамъоварӣ шуда, роҳҳои таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии ҳусну қубҳ нишон дода шудааст.

Маводи кори диссертатсиониро барои таълими асосҳои касби муҳаррирӣ дар мактабҳои олӣ ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

- дар пешниҳоди якум муаллиф таклиф менамояд, ки ҷузъи аввали кори таҳрирӣ ҳамбастагии қобилияти таҳлилӣ ва эҷодӣ, маҳорати сохтани мавод, баҳо додан дар ҷараёни интихоби дурусту масъулиятнок бо нигоҳ доштани тафаккури образнок мебошад. Ин раванд танҳо дар сурате имконпазир аст, ки муҳаррир ҳамчун шахсияти баркамол, бо ҷаҳонбинии созанда ва тарбияи ахлоқӣ ташаккул ёфта бошад. Танҳо чунин муносибат ба муҳаррир ҳуқуқи муаллифӣ ва эҷодӣ дода метавонад.
- диссертант пешниҳод мекунад, ки ҷалби муҳаррир ҷиҳати сайқали малакаҳои идоракунӣ дар раванди таълим, истифодаи технологияҳои муосир, ҳавасмандӣ, эҷод ва нигоҳ доштани руҳияи мусбати равонӣ аз афзалиятҳои муҳим буда метавонад. Қобилияти муҳаррирон дар таҳияи лоиҳаҳои муосири телевизионӣ самаранокии истеҳсолиро зиёд карда, роҳҳои нави эҷоди барномаҳои телевизиониро боз мекунанд ва бинандаи иловагӣ ба телевизион ҷалб мегардад. Фаъолияти муҳаррирони алоҳида дар ташкили чунин барномаҳо аз манфиат холӣ нест (сах. 158).
- дар пешниҳоди чаҳоруми худ диссертант зикр мекунад, ки гузаронидани таҳқиқоти иҷтимоию психологӣ оид ба маҷмуи сифатҳои корӣ ва шахсии мутахассисони телевизион ва махсусан муҳаррирон дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина», таҳияи навъҳои гуногуни барномаҳои тестӣ, ки барои муайян кардани сатҳи мутобиқати касбии муҳаррирон мусоидат мекунанд, зарур дониста мешавад. Ба андешаи мо, ин таклиф аз аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ холӣ набуда, дар ин самт метавонад нигоҳи тоза ва назари нав бошад.
- усулҳои таълимӣ барои муҳаррирон оид ба сохтани сенарияи

барномаи телевизионӣ вобаста ба жанрҳо ва шаклҳои гуногуни барномаҳо низ ба манфиати кор аст.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи диссертатсия бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, ба дараҷаи илмии дархостшаванда лоиқ мебошад.

Ҷойи зикр аст, ки "Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ" хеле фарогир таҳқиқ гардида, омӯзанда аст. Гуфта мешавад, ки вазифаи муҳаррири телевизион, моҳияти он, меъёрҳои касбӣ, махсусияти фаъолият, муносибати муҳаррир ба сенария ва сенариянависӣ ва иштироки ӯ дар давраи таҳияи барнома аз масъалаҳое мебошанд, ки то имрӯз дар илми журналистикаи ватанӣ ба пуррагӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Дар кори диссертатсонӣ аз пажуҳишҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ васеъ истифода шудааст. Адабиёти назариявии марбут ба мавзуи таҳқиқ ба анҷом расидаро муаллиф ба 3 қисм тасниф кардааст (саҳ. 7).

Эродҳо ба диссертатсия. Дар баробари комёбиҳои иброзгардида, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Хулосаи дуюми муаллиф дар боби якум тавзеҳи иловагӣ мехоҳад. Гуфта мешавад, ки вазифаҳои муҳаррир ва журналист дар телевизион як мафҳумро ифода мекунанд, аммо бо назардошти вазифаҳои идоравӣ ва шуъбаҳои фаъолияткунанда метавонанд фарқ намоянд.

2. Бо назардошти он, ки дар муҳити илмии журналистикаи телевизион вобаста ба мавзӯи таҳқиқ адабиёти илмию таълимӣ хеле кам аст, муаллиф метавонист пурсишҳои сотисиологӣ гузаронида, аз натиҷаи онҳо дар рисола истифода намояд.

3. Ҳангоми таснифу тавсифи махсусияти сенарияи телевизионӣ аксаран ба андешаи муҳаққиқони рус такя шудааст. Имрӯз дар ин самт муҳаққиқони ватанӣ низ таҳқиқи зиёди арзишманде анҷом додаанд ва муаллифи рисола метавонист андешаҳои онҳоро низ мавриди истифода қарор диҳад.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзуи "Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина")" ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмуну мантиқи ягонаи дохилӣ аст. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниход шудаанд, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ, ҳалли онҳо ва услуби таҳқиқи илмӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дарак медиҳад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопкардаи Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода муҳтавои асосии диссертатсияро иньикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби Маҳкамова Дилором Юнусовна – номзади илми филология, дотсенти кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик омода шуда, дар маҷлиси кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 7 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти рақами 7 аз 21 феврали соли 2023.

РАИСИ ҶАЛАСА:
Мудири кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”
номзади илми филология, дотсент **Шарипов С.И.**

ЭКСПЕРТ:
Дотсенти кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”
номзади илми филология **Маҳкамова Д.Ю.**

Котиби илмии ҷаласа,
Дотсенти кафедраи рӯзноманигории

факултети филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”
номзади илми филология **Маъмурзода Н.М.**

Имзоҳои Шарипов С.И., Маҳкамова Д.Ю. ва Маъмурзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам:

сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

«21» феврали соли 2023.

Суроғаи муассисаи пешбар:
735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
Сомона: http://btsu.tj/
E-mail: ktsu78@mail.ru